# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст

**Муҳиммияти мавзуъ**: Фаъолият ва функсияи нутқи инсон яке аз муҳимтарин вазифаҳои ӯ ба ҳисоб меравад. Қобилияти пайдо намудани нутқ бо огоҳӣ дар бораи танзим ва банақшагирии рафтор бо ҳам алоқамананд. Тарзи муоширати нутқ ба фароҳам овардани шароит барои рушди шаклҳои мухталифи фаъолият, инчунин иштирок дар амал, дар оилаву гурӯҳ мусоидат мекунад. Таърихи омӯзиши ин падида нишон медиҳад, ки ин вайроншавӣ ба тағйирот дар хусусиятҳои талаффузи кӯдак, маълумотҳои акустикӣ оварда мерасонад, ки ба пайдоиши мушкилот дар ифодаи возеҳ ва фаҳмо будани фикрҳо, ба даст овардани малакаҳои дуруст ва ҳамаҷонибаи муошират бо дар атрофи калонсолон ва ҳамсолон, ки дар ниҳоят комилии шахсияти кӯдакро вайрон мекунад. Норасоии маълумотҳои дақиқу санҷидашуда оид ба ин масъала аксар маврид боиси сар задани мушкилот дар фаъолияти мутахасиссони логопед мегардад, ки ин мушкилиҳо бояд зина ба зина зимни таҳқиқотҳои амалиявию назариявӣ бартараф карда шаванд.

Лакнатзабонӣ - яке аз маъмултарин камбудии нутқ мебошад. Он сабабҳои объективӣ ва субеъктивии худро дошта, дар бештари мавридҳо сабабҳои органикӣ ва функсионалии лакнатзабониро аз ҷиҳати генетикӣ, то давраи ба дунё омаданашро ҳис намекунанд. Лакнатзабонӣ одатан дар синни кӯдакӣ барвақт ба вуҷуд меояд ва дар сурати набудани

кумаки зарурӣ, метавонад солҳои дароз боқӣ монад, дар интихоби касб, омӯзиш ва дар ҳаёти шахсии ӯ ба монеа дучор мешавад.

Кӯдакони лакнатзабон аксаран дар муошират аз нигоҳи иҷтимоӣ дучори мушкилӣ мегарданд ва баъзан мумкин аст, ки бо дигарон муошират анҷом дода натавонанд, зеро дар баъзе аз онҳо маҳорати нутқ ҳамчун воситаи муошират бо дигарон инкишоф наёфтааст.

Масъалаи лакнатзабонӣ асосҳои назариявӣ ва илмии худро дошта, он хусусиятҳои шахсони синну соли гуногунро дар бар мегирад ва ақидаҳои олимон нисбат ба он гуногун аст. Олимон таҳқиқотҳои назариявӣ ва илмии худро оид ба муаммои масъалаи мазкур коркард намудаанд. Ба андешаи муаллифи диссертатсия олимони хориҷиву ватанӣ оид ба дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ асоси методологии мукарраротии илмию назариявӣ оид ба қонуниятҳои ташаккул ва рушди системаҳои функсионалӣ, аз ҷумла, системаи функсионалии нутқ, дар бораи сохтори мураккаби фаъолияти нутқ ва таъсири мутақобилаи пайвандҳои амалии он, дар бораи равиши коммуникативӣ-фаъолӣ дар ташаккули нутқ ваислоҳи нуқсонҳои он ва дастовардҳои илмию амалии онҳо ташкил медиҳад.

Ба ақидаи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна масъалаи корҳои ислоҳӣ ва солимгардонии лакнатзабонӣ то имрӯз бо пуррагӣ роҳу фасли худро наёфтааст. Масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае роҳу фасли худро муайян карда бошад ҳам, аммо норасогиҳо аз сабаби кам будани мутахассисон соҳаи логопедия, кам будани дастурҳои таълимиву методӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва омода набудани муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ дар таълиму корҳои ислоҳнамоии кӯдакони лакнатзабон ба назар мерасанд.

Муаллиф чунин мешуморад, ки лакнатзабонӣ ҳамчун осеби нутқ дар фаркият аз дигар шаклҳои осебдори вижагиҳои хоси худ мебошад, ки мазмуни моҳияти онро бидуни таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин падида дарк

кардан мушкил аст. Маҷмуи амалҳои ба ислоҳи лакнатзабонӣ нигаронидашударо дар заминаи таҷрибаи то имрӯз ҷойдошта ба ду самт ҷудо кардан муносиб аст: табобатию офиятбахшӣ ва коррексионию тарбиявӣ. Махсусан, равиши фардию ҷудогонаро барои мушоҳидаи инкишофи шахсияти кӯдаки лакнатзабон дар ҷараёни таълиму тарбия ва татбиқи корҳои коррексионӣ бояд ба инобат гирифт.

Ба ақидаи муаллиф, рафъи лакнатзабониро бо усули ҳамгирой ва тафриқа ва истифодаи мавзунияти терапияй - логопедӣ, ки системаи машқҳои ислоҳӣ ва тарбиявист бо ҳамроҳии логопед ва волидон гузаронидан имконпазир аст. Машқу бозиҳои таъимию коррексионӣ ва ислоҳи малакаҳои ҳаракатҳои умумӣ, равандҳои ақлӣ мусоидат мекунанд, ки чунин сифатҳо, аз қабили ҷалб намудани зеҳни зуд, қобилияти ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои худро бо қоидаҳо ва машқҳои ҳаракат дар якҷоягӣ бо нутқи кӯдак, ба ҳаракатҳои гурӯҳҳои мушакҳо равона карда шаванд.

Дар баробари арзишмандии технологияҳои маъмулии зимни корҳои таълиму тарбия ва коррексионӣ истифодашаванда, мавқеи муҳим доштани истифодаи бозиҳои гуногуни таълимӣ-коррексионӣ бо кӯдакони синни томактабии мубталои лакнатзабонӣ, исбот гардида, аз ҷониби мутахассисони соҳаи педагогикаи махсус ва равоншиносӣ васеъ роҳандозӣ мегардад. Ҳар бозие, ки ба кӯдакон зимни машғулияти логопедӣ барои ислоҳи лакнатзабонӣ омӯзонида мешавад, дар асл худ як амали максаднок дар ин самт ба шумор мераванд. Бояд кайд намуд, ки маҳз истифодаи бозиҳои таълимӣ-коррексионӣ зимни машғулиятҳои логопедӣ дар кӯдакон маҳорати сухангӯйи, инкишофи тафаккур, хотира, мустақилият, фаъолнокӣ, рушди ҳаракат, маҳорати назорати рафтори худро тақвият мебахшад.

Ақидаи олимон аз ҷониби маълумоти клиникӣ, педагогӣ ва психологӣ тайёрӣ ба мактаб баъд аз кӯдакистон, кӯдакони бо таъхири

рушди рухӣ, тақрибан 50% бо душвории зиёд барномаи таълимиро аз худ менамояд, тасдиқ мекунад. Онҳо дар раванди таълими забони тоҷикӣ душвориҳои махсус доранд, ки ин дар навбати худ бо набудани ташаккули омодагии нутқ ба таълими савод сабаб шуда метавонад.

Мувофиқи маълумотҳои муаллиф дар нутқи кӯдакони 4-7 сола одатан рағбатҳои муътадили клоникӣ бартарӣ доранд. Кӯдакони 4-5 сола лакнатзабонии муътадили тоникӣ ва клоникӣ (омехта) дар шуъбаҳои нафаскашӣ ва овозии дастгоҳи периферии нутқ бартарӣ доранд. Дар кӯдакони лакнатзабони 5-6 сола рагҳои муътадили клоникӣ дар қисмҳои нафаскашӣ ва артикулятории нутқ бартарӣ доранд. Талафоти миёна ва шадиди клоникӣ ва тоникӣ дар кӯдакони 6-7солаи лакнатзабон дар ҳама қисмҳои дастгоҳи периферии нутқ тақрибан баробар мушоҳида мешавад.

Муҳаққиқ **дараҷаи эътимоднокии** натиҷаи таҳқиқот аз асоснокии методологияи таҳқиқот, истифодаи маҷмуи усулҳои бозӣ бо ҳам алоқаманди муосири таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуи он мақсад ва вазифаҳои он мувофиқанд, хусусияти мураккаби кори таҷрибавӣ, таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ ва коркарди статистикии маълумоти гирифташуда, кӯдакони синни томактабие, ки дар озмоиш иштирок мекунанд, иборат медонад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва коркарди методикаи таълими логопедӣ дар асоси он иборат буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- роҳ, усул ва воситаҳои самарабахши таъсиррасонӣ ба кӯдакони дорои нуқсони лакнатзабонӣ дар раванди бозии логопедӣ бо воситаи технологияи бозиро муайян кардан:

-дар асоси усулҳои нави объективии таҳқиқоти инструменталӣ хусусиятҳои умумӣ ва фардии тавсифномаи темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабонро коркард намудан;

- бо воситаи технологияи бозӣ роҳҳои ислоҳи нуксони лакнатзабониро муайян ва асоснок намудан;

- маълумотҳои нави сифатӣ ва миқдории таҷрибавӣ ба даст овардан, ки хусусиятҳои темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабон, таъсири мутақобила ва динамикаи ҷузъҳои гуногуни просодикӣ, инчунин алоқаи онҳоро бо дигар аломатҳои лакнатзабонӣ бо технологияи бозӣ тавсиф менамояд;

- самт, мазмун, усул ва шартҳои таъсири дифференсиалии комплексии ислоҳии логопедӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва фардӣ темпо-ритмикии нутқ дар кӯдакони лакнатзабон бо технологияи бозӣ асоснок шуда, самаранокии онро исбот намудан.

Муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки истифодаи бозӣ яке аз воситаи ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонӣ дар таҳсилоти томактабӣ ба ҳисоб рафта, дар ин раванд рушди фаъолияти бозӣ дар зери бозиҳои биноӣ бо қоидаҳо идома меёбад, ки барои лакнатзабонии кӯдакони 4-5 сола аз ҷиҳати аҳамият дуюмдараҷа мебошанд. Исботи ин ақидаҳоро муаллиф дар нишондиҳандаҳову диаграммаҳо ва расмҳо тариқи мушаххас нишон додааст. Барои бомуваффақият аз нав омӯхтани нутқ на танҳо дар гурӯҳ, балки дар ҳаёти ҳаррӯза зарур аст, ки муҳити шодмонӣ ва бароҳати пур аз унсурҳои бозӣ фароҳам оварда шавад. Падару модарон бояд на танҳо вазифаҳои логопедро ба таври механикӣ иҷро кунанд, балки мақсадҳои ҳақиқии ҳар як машқ-бозиро фаҳманд ва корҳои ислоҳӣ бо тавсияи логопед дар хона истифода баранд.

Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқоти дар рисола овардашуда, лакнатзабониро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бо роҳҳои зерин ислоҳ карданро **тавсия дода шудааст**:

- якҷоя бо кӯдакон анҷом додани корҳои ислоҳӣ ва барои пешгирӣ кардани лакнатзабонӣ, логопедҳо, муаллимон ва волидон бо кӯдакон кор карда, кӯшиш мекунанд, ки речаи ҳаррӯзаро қатъиян риоя кунанд:

- бо кӯдакони гурӯҳ мунтазам танаффусҳо ва бозиҳои гурӯҳӣ мегузаронад: бо сухан, ангушт ва ҳаракат, бозиҳои нишастан, бозиҳои театрӣ, бозиҳои эҳсосот (бо зонд);

- барои ислоҳ намудани лакнатзабонӣ машғулиятҳои инкишофи мусиқӣ ва ҷисмонӣ гузаронида шавад;

- логопед машғулиятҳои инфиродӣ-коррексиониро дар шакли комплексҳои иҷтимоию истироҳатӣ бо истифода аз бозиҳои логопедӣ гузаронад;

- байни логопед, мураббӣ ва волидони кӯдакони лакнатзабон ҳамкории судманд ба роҳ монда шавад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо ақидаҳои илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ, эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуқтаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Мазмун ва мундариҷаи кӯтоҳи диссертатсияи Д.Н. Салямоваро ду боб, шаш фасл, хулосаҳои бобҳо, хулосаи у, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо дар бар гирифтааст.

Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда қайд шудаанд.

Дар боби якуми рисола муаллиф сабабу омилҳои пайдошавии осеби лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар адабиёти педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ, ҳамкории логопед, мураббӣ ва оила дар ислоҳи нуқсони лакнатзабонии кӯдакон, технологияи педагогии

ислоҳи лакнатзабонӣ кӯдакони синни томактабиро аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ таҳлилу хулосабарорӣ намудааст.

Дар боби дуюм Салямова Д.Н. масъалаҳои технологияи педагогии ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, татбиқи технологияи педагогии ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонии кӯдакони синни томактабӣ дар озмоиши педагогӣ коркард гардида, корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ, ки дар ҷадвалу расмҳо баргузор ва натиҷагирӣ намудааст. Ғайр аз он, муаллиф якчанд намудҳои бозиҳои логопедӣ, ки барои ташкил ва гузаронидани корҳои коррексионӣ оид ба бартарафкунии лакнатзабонии кӯдак истифода бурдан мумкин аниқук дақиқ нишон додааст.

Дар хулосаи диссертатсия ҷамъбасти андешаҳои илмӣ-методии унвонҷӯ дар бандҳои алоҳида оварда шудааст, ки мазмуни корро ба таври мухтасар ифода мекунанд.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснокаанд ва мундариҷаи рисола мутобиқи назари илмӣ- мантиқӣ шакл гирифтаанд, ки ин аз соҳиби қобилияти хуби маърифатӣ доштани муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

**Эродхо ба кори диссертатсионӣ:**

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои минбаъд такмил додани кор хеле муфиданд:

1. Дар боби 2-уми рисола хуб мешуд, ки на танҳо вазифаи логопед, инчунин вазифаи волидайн ва тарзи гузаронидани ташхиси кӯдакони лакнатзабон низ ба эътибор гирифта шавад.

2. Принсипҳои истифодаи технологияҳои бозӣ бо кӯдакони лакнтазабонии синни томактабӣ вобаста ба шаклу намудҳои он, дар

намуди модел ё системакунонии давраҳои корҳои коррексионӣ нишон дода шавад.

3. Дар руйхати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба масъалаи кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ мушоҳида мегардад.

4. Хатоҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ мавриди назар қарор ёбанд.

Камбудиҳои зикршуда ҳеҷ гоҳ арзишу муҳиммияти кори дисссертатсиониро кам намекунад ва он минбаъд, метавонад ҳамчун маводи таълимию методӣ ба муаллимон, логопедон ва волидон кумак расонад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз ҷониби муаллиф оид ба ҷамъбаст, хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ ва методӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 14 асару мақола ва дастури таълимӣ инъикос ёфта, аз ҷумла 3 мақола, ки ба мавзуи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 дастури таълимӣ мувофиқ ба мавзуъ ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд.

**Хулоса,** вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 уми июни соли 2021 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ
ва педагогикаи махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Раҳмонов Зикриё Пӯлотович

06.05.2024

**Маълумот барои тамос:** 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: (+992) 92 701 15 55.
E-mail: rahmonov.zp@mail.ru

Имзои Раҳмонов З.П.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳусейнова Заррина Сайдуллоевна